# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи “Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт пешниҳод гардидааст**

Сайёҳӣ як қисми ҷудонопазири иқтисодиёти миллӣ буда, дар давраи муосир дар миқёси ҷаҳон паҳн гардидааст. Айни замон равандҳои он қариб, ки дар тамоми кишварҳо амалӣ мешаванд. Он дар сатҳи иқтисодиёт саҳми калон дошта, қисмати назарраси маҳсулоти маҷмӯавии ҷаҳонро ташкил менамояд ва дар муносибатҳои иҷтимоӣ низ мақоми хосро касб намудааст. Дар шароити ҳозира сайёҳӣ дар ҷаҳон яке аз соҳаҳои рушди босамари иқтисодӣ ва сердаромад мебошад. Сайёҳӣ ба сифати яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва рушди иҷтимоию фарҳангӣ хидмат менамояд. Он ҳамчун воситаи муосири ҳавасмандии рушди иҷтимоию иқтисодӣ имкон медиҳад, ки вазифаҳои сайёҳӣ дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ васеъ истифода шавад. Пеш аз ҳама, чи хеле, ки муаллиф таъкид менамояд, вазифаҳои сайёҳӣ дар ҳудуди минтақаҳои мушаххас зоҳир мешавад. Имкониятҳои инкишофи минтақаро маҳз шароити захираҳои табиӣ муайян мекунад. Аз ин лиҳоз, баррасии масъалаҳои вобаста ба муайян сохтани суръат ва самти рушди сайёҳӣ дар минтақаҳо, таъмин ва асосноккунии илмию методии иқтисодии он дар шароити норасоии шадиди захираҳо ва сармоя аҳамияти хос дорад.

Дар замони муосир татбиқи усулҳои пешрафтаи риёзиву оморӣ ва татбиқи автоматигардонидашудаи равандҳои ба онҳо алоқаманд, метавонанд самараи баланди таҳқиқотиро диҳанд. Дар асоси моделсозиҳои дурусту дақиқи иқтисодӣ ва риёзӣ натиҷаи боэътимоди миқдорӣ, оптималӣ гардонидани рушди бозори минтақавии сайёҳӣ ва макони сайёҳии бобарақат ва стратегияҳои танзими давлатии соҳаи сайёҳӣ бо назардошти арзиши хароҷот барои ҳифзи захираҳои табиӣ ва манфиатҳои умумӣ ва хусусӣ аз фаъолияти сайёҳӣ ба даст оварда мешаванд.

Чи хеле, ки муаллиф дар автореферат қайд намудааст: «Дар бисёре аз кишварҳо соҳаи сайёҳӣ дар ташаккули маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таъмини шуғли аҳолӣ ва баланд бардоштани мувозинати савдои хориҷӣ нақши муҳим мебозад». Аз ин лиҳоз, мавзӯи интихобгардида мубрам арзёбӣ мешавад.

Аз мӯҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, муаллиф тавонистааст, ки пайдарҳамии мантиқии афкори таҳқиқотиро риоя намуда, вобаста ба масъалагузории таҳқиқот пешниҳодҳои мушаххас намояд. Муаллифи автореферат сарчашмаҳои гуногуни ватанӣ ва хориҷиро оид ба коркарди амсилаҳо ва усулҳои иқтисодӣ-математикӣ дар ҳалли масъалаҳои рушд ва амалкарди усулҳои истироҳатӣ, солимгардонӣ, маҷмааҳои сайёҳӣ (МС) маводи коркардшударо мавриди баррасӣ қарор дода, амсилаҳои иқтисодӣ-математикии ниёзҳои рекреатсионӣ, ки аз рӯйи принсипи ҷомеӣ амсилаҳое, ки бо ёрии онҳо ҳал мешаванд, мавриди таснифот қарор додааст. Дар ин замина, арзёбии аҳамияти назариявӣ ва амалии ҳар синфи амсилаҳо бояд сурат гирад (с. 9-10).

Ҳамчунин дар автореферати диссертатсия аз ҷониби муаллиф вобаста ба идора кардани соҳаи сайёҳӣ ва тиҷорати сайёҳӣ қайд мегардад, ки он мураккаб буда, муносибати ҷиддиро талаб менамояд. Муаллифи автореферат қайд менамояд, ки омилҳое, ки ба натиҷаи тиҷорати сайёҳӣ таъсир мерасонанд тасодуфӣ мебошанд ва дар ин замина ҷалби сармоягузорӣ бисёр мураккаб буда, бояд онҳо аввал ба маҷмӯи иншоотҳои соҳаи сайёҳӣ ҷалб карда шаванд ва ҷалби онҳо ба субъектҳои соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори онҳо, дар навбати дувум ва севум мебошад. Аз нигоҳи муаллиф чунин сабаб татбиқи усулҳои математикиро бартарӣ мебахшад ва истифодаи онҳоро низ ба ҷо мегузорад.

Амсилаҳои тадқиқот ва оптималӣ гардонидани маҷмааи сайёҳӣ ба такмил ниёз доранд, ки инро худи динамикаи рушди соҳаи сайёҳӣ талаб менамояд. Тақсими оқилонаи инвеститсияҳо назаррас нест, ҳол он ки инро рушди сайёҳӣ тақозо дорад. Муаллиф дар амсилаи динамикии рушди маҷмӯи сайёҳӣ маҷмӯи хизматрасониҳо ва ҷараёни ташаккули онро дар бозори маҳсулоти сайёҳӣ ба инобат мегирад. Вобаста аз манбаъҳои сармоягузорӣ тақсимоти маблағҳоро барои рушди комплекси сайёҳӣ ва аз нав сармоягузории фоидаи овардашударо дар соҳаи сайёҳӣ таъмин менамояд.

Ақидаи муаллиф боиси ҷонибдорӣ мебошад, ӯ қайд мекунад, ки дар ҳар як маҷмааи сайёҳӣ шароити хос барои рушди соҳаи хизматрасонии сайёҳӣ вуҷуд дошта бошад ҳам, истифодаи иқтидори табиӣ дар вариантҳои махсуси ташкили хизматрасонӣ, амалкарди маҷмааи сайёҳӣ дар ҳар маврид бояд ба назар гирифта шаванд. Илова бар ин ӯ дуруст қайд мекунад, ки дар баробари сохтори вариантҳои фаъолияти ҷорӣ манбаъҳои маблағгузории сохтмонро низ ташаккул додан лозим аст. (саҳ 12)

Бо муаллифи диссертатсия ҳамақида будани хешро иброз менамоем, ки дар марҳалаи муосири рушди иқтисодӣ дар Тоҷикистон ҷиҳати андешидани тадбирҳои асосӣ, дастгирии давлатии инкишофи соҳаи сайёҳӣ бояд таъмин

гардида, паҳн намудани бартариҳои иқтисодиву иҷтимоии дастгирии давлатии доираи маҳдуди самтҳои муҳимтарини сайёҳӣ ва ба фаъолияти сайёҳӣ ҷалб кардани корхонаҳои шакли моликияташон гуногун бо дастгирии давлатӣ, инчунин дар шакли уҳдадорӣ ё кафолатҳои умумии ҳукумат пешниҳод гардидани дастгирии давлатӣ самараи хуб хоҳад дод (саҳ. 20-21).

Дар маҷмӯъ метавон қайд кард, ки дар баробари дастовардҳои мусбати таҳқиқотӣ автореферат аз камбудиҳо низ орӣ набуда, ба назар гирифтани онҳо ба сифати автореферат ҳусни дигар мебахшид:

1. Дар автореферат баъзе хатогиҳои хусусияти техникидошта ба назар мерасанд;

2. Дар автореферат зиёдтар ҷой додани маводҳои иллюстратсионӣ ба намои кори таҳқиқотӣ ҳусни дигар медиҳанд;

3. Афтореферат дорои хатогиҳои орфографӣ ва грамматикӣ мебошад.

Ҳамин тавр эродҳои ироа гардида, тарафҳои мусбати кори таҳқиқотиро халалдор насохта, тавсиявӣ мебошанд ва диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи "Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)" ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси қайдгардида мебошад.

Номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ — Мирсаидов Муҳаммаднаим Негматович

735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16
Телефон: +992 33 22 23506
E-mail: info@kgu.tj

Имзои М.Н. Мирсаидов-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус — Амиров Ф.А.